«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»,
профессор Усмонзода Аюб Ислом
________________
«27» ноябри соли 2023

# ХУЛОСАИ
# МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»

Диссертатсияи **«Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи “Номаҳо”-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII (таҳқиқи вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.08 - Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) дар кафедраи адабиёти классикии тоҷики факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба анҷом расидааст.

**Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович** соли 1996-ум факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро аз рӯйи ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик бо дипломи аъло хатм намудааст. Солҳои 1996-1997-ум ба ҳайси лаборант ва лаборанти калони кафедраи адабиёти классикии тоҷик фаъолият намуда, солҳои 1997-2000-ум дар шуъбаи аспирантураи ҳамин Донишгоҳ ба ҳайси аспирант таҳсил кардааст. Солҳои 2000-2004-ум дар вазифаҳои муаллим, сармуаллим ва дотсенти кафедраи мазкур кор кардааст. Минбаъд ба ҳайси ҷонишини декан оид ба қисми илм (2005-2006-ум) ва ҷонишини декан оид ба қисми таълими факултети филологияи тоҷик (2006-2008-ум) фаъолият кардааст. Солҳои 2009-2011-ум давраи докторантураро дар назди Донишгоҳ гузаштааст. Минбаъд дар вазифаҳои дотсенти кафедра, ҷонишини мудири шуъбаи идоракунии сифати таҳсилоти Донишгоҳ (2011-2012-ум), директори Китобхонаи марказии Донишгоҳ (2012-2017-ум), директори МДТ-и «Коллеҷи омӯзгории ба номи Мирзо Турсунзодаи шаҳри Конибодом” (06.02.2017-02.10.2017), ҷонишини сардори раёсати таълими Донишгоҳ (2017-2018-ум) фаъолият намудааст. Аз моҳи декабри соли 2018-ум то ҳол ҳамчун мудири кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикӣ ва дотсенти муштаракзвазифаи кафедраи адабиёти классикии тоҷик фаъолият мекунад.

Зоиров Ҳ. соли 2002-юм рисолаи номзадии худро дар мавзуи "Фарҳангномаҳои истилоҳоти ирфонии назми форсу тоҷик ва хусусиятҳои онҳо" зери роҳбарии доктори илмҳои филологӣ, профессор Абдуманнон Насриддинов дифоъ намудааст.

Бо Ифтихорномаи идораи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (2000-ум), Ифтихорномаи идораи кор бо ҷавонони вилояти Суғд (2001-ум), Аълочии маорифи Тоҷикистон (2012-ум) сарфароз гардидааст.

Мушовири илмии Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии исломии Эрон **Зоҳидӣ Низомиддин Шамсиддинзода** мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров аз 18.11.2004, қарори № 2 ва Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров аз 27.01.2009, суратҷаласаи №6 тасдиқ гардида, дар Шурои олимони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз 29.12.2022, қарори №5 ба унвони мавзуъ тағйирот ворид карда шудааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Давраи Салҷуқиён ва Хоразмшоҳиён яке аз муҳимтарин давраҳои муншаотнависӣ ва ривоҷи фанни номанигорӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик ба шумор меравад. Дар ин давра бисёре аз дабирону адибони дарбор, ба монанди Мунтаҷибуддини Бадеъ ва Рашиди Ватвот, адибону муншиёни берун аз дарбор, ба монанди Хоқонии Шарвонӣ ва Абдулвосеи Ҷабалӣ, олимону орифон, ба монанди Аҳмади Ғаззолӣ ва Айнулқузоти Ҳамадонӣ кутуби алоҳида дар бораи номанигорӣ ва маҷмуаи номаҳо таълиф намуданд, ки ниёз ба таҳқиқи ҳамаҷониба доранд. Бо назардошти матлаби мазкур Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович рӯзгору осор ва "Номаҳо"-и Айнулқузоти Ҳамадониро мавриди пажуҳиши монографӣ ва ҷомеъ қарор додааст. Ба андешаи ӯ омӯзиш ва таҳқиқи ин мавзуъ имкон медиҳад, ки оид ба зиндагинома, мероси илмию адабии мафқуду мавҷуд ва мансуб ба Айнулқузоти Ҳамадонӣ, вижагиҳои адабиву услубии "Номаҳо"-и ӯ тасаввуроти комил ва возеҳ пайдо шавад.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар **шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.08 - Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)** нишон дода шудаанд, комилан **мувофиқат мекунад**. Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои он ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи ногусастанӣ доранд.

**Мавзуи диссертатсия** ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, **мутобиқат дорад.** Афзун бар ин, ба маводи диссертатсия зимни пажуҳиши мавзуъ ва масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёти тоҷик, адабиёти тасаввуф, таърих ва назарияи номанигорӣ, матншиносӣ, сарчашмашиносӣ, нусхашиносӣ, сабкшиносӣ, фолклоршиносӣ, таърихи забони адабии тоҷикӣ ва шевашиносӣ метавон такя кард.

Муаллифи диссертатсия ба таври муфассал таҳлилу баррасӣ намудани "Номаҳо"-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва муайян кардани вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва ҷойгоҳи онро дар насри форсу тоҷики асри XII **мақсади аслии таҳқиқ** қарор дода, ҷиҳати расидан ба ин ҳадафҳо дар назди худ **чунин вазифаҳоро** гузоштааст:

– баррасӣ ва таъйин намудани ном, кунияту лақаб, замони таваллуду шаҳодат, осори мафқуду мавҷуди Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва муаллифони аслии осори мансуб ба ӯ;

– муайян кардани заминаҳои пайдоиш ва оғози номанигории форсӣ-тоҷикӣ, шеваи нигориш ва муншаотнависии форсӣ-тоҷикӣ аз давраи Сосониён то замони Айнулқузоти Ҳамадонӣ;

– муайян намудани сабк, шеваи нигориш ва вижагиҳои адабиву услубии "Номаҳо"-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ;

– баррасӣ намудани арзиши илмӣ ва матншиносии нусхаҳои хаттии "Номаҳо"-и суханвар;

– назари интиқодӣ намудан ба нашри "Номаҳо"-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва бо такя ба нусхаҳои хаттӣ тасҳеҳ намудани хатоҳои матншиносии он;

– нишон додани аҳамияти "Номаҳо"-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҳамчун сарчашмаи адабӣ ва мунҳасир ба фард;

– муайян намудани муаллифони ашъори истишҳодшудаи "Номаҳо"-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ;

– ошкор намудани аҳамияти "Номаҳо"-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар маърифат, тасҳеҳ ва матншиносии ашъори суханварони қарнҳои IX-XII.

Ба сифати мавод ва **сарчашмаҳои асосии таҳқиқ** нусхаҳои хаттӣ ва чопии "Номаҳо"-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва осори дигари ӯ, ба монанди «Тамҳидот», «Зубдат-ул-ҳақоиқ фӣ кашф-ид-дақоиқ» ва «Шакв-ал-ғариби ъан-ил-автони ило ъуламо-ил-булдони» истифода шудаанд. Муаллифи диссертатсия дар ҷараёни баррасии масъалаҳои ба мавзуи таҳқиқ рабтдошта аз катибаҳо, номаҳои тоисломӣ ва қарнҳои аввали исломӣ, муншаоти девонӣ ва ғайридевонӣ, муншаоти марбут ба дабирӣ ва номанигорӣ, девони ашъори

суханварони қарнҳои IX-XII, асарҳои илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ва осори пажӯҳишии марбут ба рӯзгор ва осори Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва фанни номанигорӣ самаранок истифода намудааст.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии** диссертатсияро асарҳои илмию назариявии муҳаққиқони хориҷӣ, ба монанди Э. Браун, А. Кристенсен, Е.Э. Бертелс, З. Сафо, С. Нафисӣ, А. Зарринкӯб, Ҳ. Хатибӣ, А. Тафаззулӣ, М. Баҳор, Ш. Кадканӣ, Б. Фурӯзонфар, М. Муҳаммадӣ, Р. Фарманиш, А. Усайрон, А. Мунзавӣ, Н.М. Ҳиравӣ ва донишмандони ватанӣ, аз қабили А. Мирзоев, Р. Ҳодизода, Х. Шарифов, И. Умарзода, А. Сатторзода, А. Насриддинов, Н. Салимӣ, Н. Зоҳидӣ, А. Кӯчаров, Б. Мақсудов, М. Нарзиқул, З. Ҳасанова ва дигарон ташкил додааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир меёбад, ки дар диссертатсияи мавриди назар бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик зиндагинома ва мероси илмию адабии Айнулқузоти Ҳамадонӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шуда, ихтилофи андешаҳое, ки дар мавриди рӯзгор ва мероси илмиву адабии ӯ ҷой доштанд, ҳаллу фасл гардидааст. Унвонҷӯи дараҷаи илмӣ бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик "Номаҳо"-и Айнулқузоти Ҳамадониро ба таври алоҳида ва муфассал мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода, забон ва шеваи хоси нигориши онҳоро дар қиёс бо номаҳои тоисломӣ ва қарнҳои аввали исломӣ, давраҳои Тоҳириён, Саффориён, Сомониён, Оли Бӯя ва Оли Зиёр, Ғазнавиёну Салҷуқиён ва Хоразмшоҳиён таъкид намудааст. Афзун ба ин, довталаби дараҷаи илмӣ бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик аҳамияти "Номаҳо"-и Айнулқузоти Ҳамадониро ҳамчун сарчашмаи беназири адабӣ дар шинохти ашъори форсии худи суханвар ва аҳволу осори чанд тан аз адибону орифон баён карда, ҷойгоҳи "Номаҳо"-и ӯро дар насри форсу тоҷики асри XII таъкид намудааст. Ҳамчунин дар ин рисола бори аввал дар адабиётшиносӣ ва матншиносии тоҷик нусхаҳои хаттии "Номаҳо"-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, аҳамияти онҳо дар тасҳеҳ ва нашри нусхаҳои илмию интиқодии осори суханварони асрҳои IX-XII таъкид гардидааст.

Диссертатсияи доктории Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович таҳқиқоти комилу анҷомёфтаи илмӣ буда, дорои арзишҳои муҳимми назарию амалӣ мебошад. **Аҳамияти назарӣ ва амалии рисола** дар он зоҳир мешавад, ки масъалаҳои назарӣ, равишҳои таҳқиқ ва хулосаҳои муаллифи рисола ҷанбаҳои назарии омӯзиши насри давраи Салҷуқӣ, мероси илмию адабии Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва, махсусан, "Номаҳо"-и ӯро пурратар гардонида, дар таъйини аҳамияти адабию ирфонӣ, матншиносию сарчашмашиносӣ ва дигар вижагиҳои осори ӯ метавонад ҳамчун маводи назарӣ хидмат намояд.

Меъёрҳое, ки дар рисола ҷиҳати шинохти пайдоиш ва оғози номанигорӣ, анвою аркон ва мухтассоти номаҳо, расму одоби нигориши тарассул ва мактубот аз аҳди Сосониён то замони Салҷуқиён ва Хоразмшоҳиён, зиндагинома ва мероси аслӣ ва мансуби Айнулқузоти Ҳамадонӣ, муқоиса ва муқобилаи нусхаҳои хаттӣ, матншиносӣ, сарчашмашиносӣ, арзиши адабӣ ва вижагиҳои “Номаҳо”-и ӯ истифода шудаанд, имкон дорад, ки барои таҳқиқи паҳлуҳои нокушодаи осори дигари Айнулқузоти Ҳамадонӣ, ҳамчунин омӯзиш ва таҳқиқи минбаъдаи таърих ва назарияи номанигорӣ, вижагиҳои адабиву услубӣ, нусхашиносӣ ва матншиносии тарассулоту номаҳо ва осори мансури суханварони дигари асри XII ва қарнҳои баъдӣ мусоидат кунанд.

Маводи диссертатсия ва хулосаҳои онро ҳангоми таълифи мақолот ва таҳқиқотҳои илмӣ, китобҳои таърихи адабиёти тоҷик, таърих ва назарияи номанигорӣ, адабиёти тасаввуф ва фарҳангномаҳои ирфонӣ, сарчашмашиносӣ, матншиносӣ ва сабкшиносӣ метавон истифода намуд.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович дар 65 мақолаи илмии муаллиф, ки аз онҳо 3 мақола дар хориҷа (Эрон - 2011, Ӯзбекистон - 2022, 2023) ва 24 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия нашр шудаанд, инъикос ёфта, теъдод ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълиф ва таҳияи автореферат ва диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм мувофиқ мебошанд. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда банашррасидаи муаллифи рисола ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва автореферратро инъикос мекунанд ва рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

[**1-М**] Зоиров Ҳ. Аҳамияти омӯзиши «Фазои-ул-аном мин расоили Ҳуҷҷатилислом» / Ҳ. Зоиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои гуманитарӣ). – Душанбе, 2009. – № 6 (54). – С. 267- 270.

[**2-М**] Зоиров Ҳ. Нигаҳе ба «Мактубот»- и Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ / Ҳ. Зоиров // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (силсилаи филология ва шарқшиносӣ). – Душанбе, 2009. – № 4. – С. 70- 74.

[**3-М**] Зоиров Ҳ. Сайре дар «Номаҳо»- и Айнулқузоти Ҳамадонӣ / Ҳ. Зоиров // Номаи донишгоҳ (силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ). – Хуҷанд, 2010. – № 1 (21). – С. 30- 46.

[**4-М**] Зоиров Ҳ. Номаҳои мундариҷ дар «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ / Ҳ. Зоиров // Номаи донишгоҳ (силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ). – Хуҷанд, 2010. – № 3 (23). – С.45-56.

[**5-М**] Зоиров Ҳ. Тафсири ирфонии сураи Фотиҳа дар номаҳои Айнулқузот / Ҳ. Зоиров // Номаи донишгоҳ (силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ). – Хуҷанд, 2011. – № 1 (25). – С. 42-53.

[**6-М**] Зоиров Ҳ. Паёмҳо ва номаҳои достони Фаридун / Ҳ. Зоиров // Номаи донишгоҳ (силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ). – Хуҷанд, 2011. – № 3 (27). – С. 12-26.

[**7-М**] Зоиров Ҳ. Осори марбут ба ойини дабирӣ дар даврони тоисломӣ / Ҳ.Зоиров // Ахбори ДДҲБСТ (силсилаи илмҳои гуманитарӣ). – Хуҷанд, 2012. – №1 (49). – С. 194-205.

[**8-М**] Зоиров Ҳ. Баҳсе дар атрофи нахустин номаҳои форсӣ-тоҷикӣ / Ҳ.Зоиров // Номаи донишгоҳ (силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ). – Хуҷанд, 2012. – № 5 (33). – С. 12-20.

[**9-М**] Зоиров Ҳ. Девонҳои тоисломӣ ва саҳми дабирони девон дар рушди номанигории форсӣ / Ҳ. Зоиров // Номаи донишгоҳ (силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ). – Хуҷанд, 2014. – №1 (38). – С. 42-52.

[**10-М**] Зоиров Ҳ. Баҳсе дар атрофи хутути макотиби тоисломии форсӣ / Ҳ.Зоиров // Ахбори ДДҲБСТ (силсилаи илмҳои гуманитарӣ). – Хуҷанд, 2014. – №3 (59). – С. 244-250.

[**11-М**] Зоиров Ҳ. Истилоҳоти дабирӣ дар «Мафотеҳ-ул-улум»-и Абуабдуллоҳ Муҳаммади Хоразмӣ / Ҳ. Зоиров // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ (бахши илмҳои ҷомеашиносӣ, гуманитарӣ ва филологӣ). – Душанбе, 2014. – №4 (59). – С. 234-240.

[**12-М**] Зоиров Ҳ. Хусусиятҳои хоси номаҳои аҳди сосонӣ / Ҳ. Зоиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои филологӣ). – Душанбе, 2014. – № 4/3 (137). – С. 39-43.

[**13-М**] Зоиров Ҳ. Хидмати номаҳо дар шинохти осори аслии суханвар / Ҳ.Зоиров // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2019. – №1 (78). – С. 122-126.

[**14-М**] Зоиров Ҳ. Баҳсе дар шинохти осори аслии Айнулқузоти Ҳамадонӣ / Ҳ. Зоиров // Ахбори ДДҲБСТ (силсилаи илмҳои гуманитарӣ). – Хуҷанд, 2019. – №2 (79). – С. 32-36.

[**15-М**] Зоиров Ҳ. Осори мафқуди Айнулқузоти Ҳамадонӣ / Ҳ. Зоиров // Номаи донишгоҳ (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ). – Хуҷанд, 2019. – №3 (60). – С. 66-71.

[**16-М**] Зоиров Ҳ. Хидмати «Номаҳо»-и Айнулқузот дар тасҳеҳи ашъори устод Рӯдакӣ / Ҳ. Зоиров // Номаи донишгоҳ (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ). – Хуҷанд, 2020. – №1 (62). – С. 90-94.

[**17-М**] Зоиров Ҳ. Таъсири ашъори Саноии Ғазнавӣ бар номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ / Ҳ. Зоиров // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. – №6 (89). – С. 211- 220.

[**18-М**] Зоиров Ҳ. Мисраъҳои арабӣ дар мактуботи Айнулқузоти Ҳамадонӣ / Ҳ. Зоиров // Ахбори ДДҲБСТ (силсилаи илмҳои гуманитарӣ). – Хуҷанд, 2021. – №3 (88). – С. 35-43.

[**19-М**] Зоиров Ҳ. Баҳсе дар атрофи тасҳеҳи як нома / Ҳ. Зоиров // Номаи донишгоҳ (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ). – Хуҷанд, 2022. – №2 (71). – С.66-71.

[**20-М**] Зоиров Ҳ. Баҳсе дар тасҳеҳ ва матншиносии номаҳои Ҷомӣ / Ҳ.Зоиров // Паёми донишкадаи забонҳо (силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ, таърих). – Душанбе, 2022. – №2 (46). – С. 99-104.

[**21-М**] Зоиров Ҳ. Аҳамияти муҳрҳои шоҳони тоисломӣ дар шинохти анвои номаҳо / Ҳ. Зоиров // Ахбори ДДҲБСТ (силсилаи илмҳои гуманитарӣ). – Хуҷанд, 2022. – №3 (92). – С. 85-93.

[**22-М**] Зоиров Ҳ. Васфи Садруддин Муҳаммад Туркаи Хуҷандӣ дар “Савонеҳ-ул-афкор”-и Рашидӣ / Ҳ. Зоиров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ). Қисми 2. – Бохтар, 2022. – №1/4 (104). – С. 12-18.

[**23-М**] Зоиров Ҳ. Аҳамияти «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар шинохти номаҳои тоисломии форсӣ-тоҷикӣ / Ҳ. Зоиров // Ахбори ДДҲБСТ (силсилаи илмҳои гуманитарӣ). – Хуҷанд, 2023. – №2 (95). – С. 80-86.

[**24-М**] Зоиров Ҳ. “Аҳди Ардашер” – қадимитарин андарзномаи тоисломии форсӣ-тоҷикӣ / Ҳ. Зоиров // Номаи донишгоҳ (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ). – Хуҷанд, 2023. – №2 (75). – С. 223-231.

Мазмун ва муҳтавои пажуҳиши мазкур дар шакли маъруза дар беш аз 30 **конференсияҳои байналхалқӣ** (Тоҷикистон, Узбекистан, Эрон), **ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ** (Хуҷанд, Душанбе, Панҷакент), конференсияҳои илмии донишгоҳӣ (солҳои 2004-2023-юм) баён шуда, дар маҷмуаҳои илмии конфронсҳо ба нашр расидаанд.

**Натиҷаи таҳқиқро** зимни пажуҳиши осори дигари Айнулқузоти Ҳамадонӣ, осори мансур ва номаҳои суханварони дигар, хондани лексияҳо ва дарсҳои амалӣ аз фанни таърихи адабиёти тоҷик, адабиёти тасаввуф, матншиносӣ, нусхашиносӣ, сарчашмашиносӣ, сабкшиносӣ, фолклоршиносӣ, шевашиносӣ ва курсҳои махсус **татбиқ намудан мумкин аст**.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасигардида, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии рисола, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Саҳми фардии муаллифи рисола дар гирдоварӣ ва таҳқиқи маводи фаровони илмию адабии форсӣ ва арабӣ, тарҷума ва баргардони онҳо ба забони тоҷикӣ ва хатти

кириллӣ, омӯзиши назарияҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳси диссертатсия ва муқоисаи онҳо, муайян ва баррасӣ намудани марҳалаҳои ташаккул ва таҳаввул, расм ва одоби номанигории форсӣ-тоҷикӣ аз замони пайдоиш то аҳди Салҷуқиёну Хоразмшоҳиён, бо такя ба осори аслии Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва сарчашмаҳои қадиму боэътимод аниқ кардани ному лақаб, куният, замони таваллуд ва шаҳодат, осори мафқуду мавҷуд ва мансуб ба ӯ, ошкор кардани арзиши нусхаҳои хаттӣ, вижагиҳои адабиву услубӣ, мухтассот ва таъсирпазирии "Номаҳо"-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ аз забони арабӣ ва оёту аҳодис, истишҳоди ашъори зиёди форсӣ ва арабӣ дар "Номаҳо" ва бо такя ба девони ашъори суханварони қарнҳои мазкур муайян намудани муаллифи аслии қисме аз онҳо, муайян намудани арзиши "Номаҳо"-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар матншиносӣ, тасҳеҳ ва таҳияи ашъори форсии шуарои асрҳои IX-XII, ошкор сохтани арзиши "Номаҳо"-и суханвар ҳамчун сарчашмаи адабӣ ва мунҳасир ба фард ва дар ин замина бо далелҳои муътамад муайян намудани ҷойгоҳ ва мақоми Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар насри форсу тоҷики қарни XII мушаххас мешавад. Таҳқиқи мазкур заҳмати наздик бистсолаи унвонҷӯ буда, дар шакли диссертатсияи мукаммал ба анҷом расидааст.

Кафедраи адабиёти классикии тоҷики факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» диссертатсияи **Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷоновичро** дар мавзуи **«Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи "Номаҳо"-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII (таҳқиқи вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносӣ)»** кори илмии бaанҷомрасида ва муҳиму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ва рисолаҳои диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.08 - Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ тавсия мешавад.

Хулоса дар маҷлиси васеи кафедраи адабиёти классикии тоҷики факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» қабул гардид.

Дар маҷлиси кафедра 27 нафар, аз ҷумла 6 нафар докторони илмҳои филологӣ, профессорон Н. Нуров, Т. Султонзода, У. Ғаффорова, А.Ҳасанзода, Ф. Насриддинов, Н. Ҳамробоев, 19 нафар номзадҳои илмҳои филологӣ, дотсентон М. Ӯрунова, С. Саидов, Ш. Тоҷибоев, М. Бобоева, М.Маҳмадшоев, Н. Пулотов, С. Мирзоев, Р. Абдуллоев, Ф. Қаюмова, М.Нуруллоева, А. Ҳоҷиев, С. Азизов, Б. Мирсаидов, М. Олимҷонов,

С.Ӯзбеков, З. Қӯрғонов, Б. Осимова, Д. Бобоҷонова, А. Одинаев, муаллими калон А. Қобилов ва муаллим С. Шарипова иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 27 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Протоколи № 4-ум аз 24-уми ноябри соли 2023-юм.

**Раиси ҷаласа,**
доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи
адабиёти классикии тоҷики МДТ-и
«ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Нуров Н.Н.

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вил. Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков, 1.
тел.: (+992) 92 876 37 97
E-mail: nurali74@mail.ru

Мудири кафедраи адабиёти классикии тоҷики
МДТ-и «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Ҳоҷиев А.Қ.

Котиби ҷаласа, номзади илмҳои
филологӣ, дотсенти кафедраи
адабиёти классикии тоҷик Азизов С.С.

«Имзоҳои Нуров Н.Н., Ҳоҷиев А.Қ., Азизов С.С.-ро тасдиқ мекунам»:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ-и «ДДХ ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров» Наврӯзов Э.М.

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков, 1. Тел.: (+992) 117070700
E-mail: n.ehson@mail.ru
«27» ноябри соли 2023.